Ба Шурои диссертатсионии 6D-КОА.029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Таҳқиқоти Исмоилзода Маъруф Искандар ба омӯзиши яке аз мавзуъҳои хеле мубрами ҷомеа бахшида шудааст. Мубрамии мавзуи илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки сиёсишавии дин аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мустақим таъсири манфӣ расонидааст ва айни замон низ таъсир расонида истодааст. Воқеаҳои ҷаҳони ислом ва кишварҳои мусулмонӣ ба раванди тавсеаи миқёси ин падида заминагузорӣ намуда, боиси паҳн гардидани ғояҳои ифротгароӣ шуда истодаанд. Чунин тамоюлот дар заминаи истифодаи шабакаи интернет низ рӯз то рӯз хавфу хатари паҳншавии онро бештар менамояд. Аллакай дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳадафҳои ғаразнок аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ истифода шудани шабакаи интернет таъкид гардидааст. Чунин омил дар Стратегияи муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 низ ишора шудааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ин масъала, пеш аз ҳама, муайян кардани моҳият, хусусият, сарчашмаҳои пайдоиш ва роҳу усулҳои фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои динӣ хеле муҳим ба

шумор рафта, барои пешгирии оқибатҳои ногувори ин падидаи номатлуб мусоидат менамояд.

Дар боби якуми таҳқиқот ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши сиёсишавии дин дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ таҳлилу баррасӣ шуда, сабабҳо ва заминаҳои ба амал омадани ин тамюлот нишон дода шудаанд. Дар ин қисми таҳқиқот таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаи муосир хеле хуб асоснок гардидааст.

Дар боби дуюми таҳқиқот дар маҷмӯъ, сабабҳои ба амал омадани сиёсишавии дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи он пайдо гардидани ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ дар асоси далелҳои раднопазир нишон дода шудаанд. Бо назардошти ҳамаи ин муаллиф исбот менамояд, ки дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ сиёсишавии дин ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли даҳсолаҳои қаблӣ мустақиман таҳдид менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо адабиёти илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Муаллиф дар диссертатсияи худ доираи васеи адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдоштаро истифода намуда, масъалаҳои дар боло номбаргардидаро баҳои воқеӣ додааст. Аз ин рӯ, ҷанбаҳои назариявии мавзуи барои таҳқиқ интихобшуда хеле хуб баррасӣ шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи сиёсишавии дин заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои муайян намудани вазъи сиёсишавии дин метавонад истифода бурда шавад. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар самти мубориза бар зидди радикализатсияи динӣ ва сиёсишавии дин метавонанд истифода бурда шаванд.

Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта мебошад ва он тибқи талаботи муқарраргардида анҷом дода шудааст. Муаллиф ҳангоми

омӯзиши мавзуи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо, инчунин дар заминаи таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа моҳият ва хусусият, сабабҳои пайдоиши сиёсишавии динро мавриди омӯзиш қарор дода, барои пешгирии ин падида тавсияҳои амалӣ манзур намудааст.

Ҳамин тариқ, кори илмии Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои мубрами замони муосир бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Сохтори таҳқиқот ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии автореферат ва аз рӯи интишороти муаллифи он гуфтан мумкин аст, ки Исмоилзода Маъруф Искандар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои фалсафа,
муаллими калони кафедраи кори
иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сатторзода С.Н.

Имзои Сатторзода С.Н.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * ... КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

09. 06. 23